**ҚАРОРИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 24. 12. 2020** **ш. Душанбе**

Баромади Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар мавзӯи **«Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015)»**, аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ, – **Муъминҷонов Зулфиддин** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети режиссура, кино ва телевизиони Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”, **Раҳимҷонов Хушдил** – номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи «Илм ва ҳаёт», муқарризони ғайрирасмӣ, профессорон А. Азимов, Ҷ. Садуллоев, Т. Мардонӣ, Ҳ. Раҷабов, Р. Раҳмонов шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна.

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар мавзӯи **«Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015)»** аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ – ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.